**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр ба мавзуи муҳимми рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар, махсусан, соҳаҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бахшида шудааст. Мавзуи мазкур бо дарназардошти ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди сайёҳӣ ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ аҳаммияти назаррас дорад.

Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ яке аз василаҳои муҳимми таблиғ ва муаррифии фарҳангу таърихи миллатҳо маҳсуб меёбанд. Ин масъала барои Тоҷикистон, ки дорои манзараҳои нотакрор ва фарҳанги ғании мардумист, аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ созгор аст. Ба ин маънӣ, диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» саривақтӣ ва муҳим мебошад. Дар диссертатсия нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва муайян намудани воситаҳои самараноки ин раванд мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шудааст. Вазифаи тадқиқот низ бо мақсадҳо мувофиқ буда, баррасии мундариҷаи нашрияҳо ва таъсири онҳо рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумиро фаро мегирад.

Муаллиф дар диссертатсия бо истифода аз усулҳои гуногуни таҳлил, аз ҷумла, таҳлили мундариҷаи матбуот, таҳқиқоти амалӣ ва таҳлили муқоисавӣ масъалаҳоро баррасӣ кардааст. Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ дар кори илмӣ робитаи бевосита дошта, саҳми матбуоти маҳаллӣ дар пешбурди сиёсати сайёҳӣ ва тарғиби ҳунарҳои мардумӣ дар он ба таври равшану дақиқ нишон дода шудааст.

Диссертант мушаххас кардааст, ки нашрияҳои «Хатлон» ва «Сафо» бо чопи мақолаҳо, очеркҳо ва маводи дигар дар тарғиби имконоти сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ саҳми бориз гузоштаанд.

Дар баробар ин, муҳаққиқ Расулзода К. Б. муайян намудааст, ки нашрияҳо метавонанд ҳамчун воситаи самаранок барои баланд бардоштани маърифатнокии аҳолӣ ва ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ хидмат кунанд. Пешниҳодоти муаллиф оид ба беҳтар намудани фаъолияти матбуот дар самти таблиғ ва муаррифии ҳунарҳои мардумӣ дорои аҳамияти амалӣ мебошанд.

Аз омӯзишу таҳлили автореферат бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ вобаста ба мавзуи он

иборат аст. Боби якуми диссертатсия **«Масъалаҳои соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, аз се фасл - «Баррасии соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Паёмҳои солона ва Амру Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Таъмини шароит, амнияти сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Инъикоси татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба сайёҳӣ дар матбуоти даврии маҳаллии вилояти Хатлон» иборат аст.

Дар ин боб диссертант қайд мекунад, ки танзими ҳуқуқии соҳаҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ на танҳо барои рушди соҳа мусоидат намуд, балки сатҳи ҳавасмандӣ ва ҷалби сокинони кишварро ба соҳибкории сайёҳӣ афзун намуд. Иттилоот дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ ба такмили маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат мекунад. Барои инъикоси амалӣ шудани Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2018-2021) фаъолияти иттилоотиву тарғиботии воситаҳои ахбори омма – матбуот, радио, телевизион густариш ёфта, дар ҷумҳурӣ шабакаи телевизионии махсуси «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» таъсис ёфт. Диссертант муҳтавои матбуоти даврии маҳаллиро дар шароити душвори сироятшавӣ бо COVID-19, ки тавозуни иқтисодии оламро тағйир дода, кишварҳои дунёро бо хатари норасоии озуқаворӣ рӯ ба рӯ кард, мавриди таҳлил қарор додааст. Дар зимн, мавсуф ба хулоса омадааст, ки дар ин марҳала воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон фаъолияти худро идома дода, аз ҷумла, барои алоқамандони бахши сайёҳӣ маводи касбии журналистӣ омода ва пешниҳод намудаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия мавзуи **«Бозтоби масоили сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар матбуоти даврии вилояти Хатлон»** мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ба таъкиди муаллиф, журналистикаи сайёҳӣ ҳамчун як самти алоҳидаи махсуси фаъолияти журналистӣ маҳсули замони муосир бошад ҳам, дар ВАО, хосса, матбуоти даврӣ тавсифи сафарҳо, бозёфтҳо ва мавзеъҳои зебою ҷаззоби сайёра таърихи тӯлонӣ дорад. Матбуоти даврии Хатлон бо инъикоси воқеияти ҷомеа, дастовардҳо ва мушкилиҳои соҳаҳои хоҷагии халқ, мавзуъҳои фарҳанг, илм, маориф, варзиш ва масъалаҳои ташаккули афкору ахлоқ рисолати худро иҷро мекунад.

Боби сеюми диссертатсия ба таҳқиқи **«Вижагиҳои жанрии маводи матбуоти даврии маҳаллӣ оид ба сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»** бахшида шуда, диссертант дар натиҷаи омӯзиши мавзуъ, бо дарназардошти ақидаи муҳаққиқон муайян кардааст, ки нашрияҳо дар инъикоси сайёҳӣ 4 вазифаи муҳим доранд: аз ҷумла, иттилоъдиҳии аудитория дар бораи ҳаёт, анъанаҳо, урфу одатҳо, хусусиятҳои фарҳангӣ, ҷойҳои тамошобоб, ёдгориҳои табиат ва ғайра, оммавигардонии донишҳо дар бораи мероси фарҳангии кишвар бо мақсади ҳифзи он, интишор ва таҳлили маълумот

барои мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ва нашри пешниҳодҳо ва имконоти корхонаҳои гуногуни соҳаи сайёҳӣ.

Дар хулоса диссертант натиҷаи пажуҳиши худро дар 11 банд асоснок кардааст. Пешниҳодоти амалии муаллиф барои беҳбуди фаъолияти матбуоти даврӣ хеле муҳиманд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки муаллиф мақсадҳои дарпешгузоштаашро иҷро намуда, мавзуъро дар сатҳи хуб таҳқиқ кардааст. Ҳамзамон, дар диссертатсия баъзе камбудиҳое ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Агар ҳангоми таҳқиқоти муқоисавӣ, истифодаи таҷрибаи нашрияҳои маҳаллии минтақаҳои дигари Тоҷикистон дар самти муаррифӣ ва таблиғи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мавриди истифода қарор мегирифт, ҷанбаи муқоисавию илмии диссертатсия қавитар мегардид.

2. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии масъалаҳои саёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таҳлилу таҳқиқи бештар мегардид, хуб мешуд.

3. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ низ ба назар мерасад.

Камбудиҳои дар боло зикргардида арзиши илмии рисоларо коста намегардонанд.

Хулоса, автореферати рисолаи диссертатсионии Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» пажуҳиши анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илми филология, сармуҳаррири
Нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор» Сафарзода Э.
4 феврали соли 2025.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ-126
Тел.: (+992) 946-40-40-40.
E-mail: ehson.89@mail.ru

Имзои Сафарзода Э.-ро тасдиқ мекунам:
Мутахассиси кадрҳо, коргузорӣ ва назорати
Иҷрои Нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор» Толибова Р.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ-126.
Телефон: (+992-37) 225-81-56.
E-mail: n.omuzgor@maorif.tj
4 феврали соли 2025.